**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба дисертатсияи Раҳмонов Зафарҷон Абдусамадович дар мавзуи “Ташаккул ва рушди бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.**

Раҳмонов Зафарҷон Абдусамадович соли 1999 Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров ва соли 2003 шуъбаи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистонро бо ихтисоси иқтисоддон хатм намудааст.

Соли 2018 дар ҷаласаи навбатии шурои олимони Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон мувофиқи бандҳои 4.3.7- и протоколи №6 аз 29.01.2018 Раҳмонов Зафарҷон Абдусамадович ба ҳайси унвонҷӯ ба кафедраи молия ва қарз вобаста карда шуд. Мавзӯи номзадиаш «Ташаккул ва рушди бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз тасдиқ ва доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шариф Раҳимзода роҳбари илмии ӯ таъин карда шуд.

Ӯ ҳамзамон фаъолияти худро дар Тавҳидбонк - аввалин бонки исломии инноватсионии Тоҷикистон идома дода истодааст. Раҳмонов Зафарҷон Абдусамадович дар ҷодаи фаъолияти бонкдорӣ ва таҳқиқотҳои илмӣ қобилияти хуби эҷодӣ дошта, дар ҳалли доираи васеи масъалаҳои рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва заминаҳои дар амал ҷорӣ намудани технологияҳои ҳозиразамони бонкӣ дар байни мизоҷон таҳқиқот анҷом дода, дар ин самт мустақилият зоҳир намуда истодааст.

Дар раванди таҳқиқотҳои илмӣ дар самти мавзуи худ ва ҷараёни фаъолияти бонкдорӣ ӯ ҳамчун таҳқикгари поквиҷдону ҷиддӣ ва дорои

малакаи баланди илмӣ худро муаррифӣ намуда, дар ҷараёни иҷрои корҳои илмиву таҳқиқотӣ ва таҳияи китобу васоитҳои таълимӣ масъулияти баланд зоҳир намуд, уҳдадориҳои бадушдоштаашро дар сатҳи таҳқиқоти илмӣ ҳамчун таҳқиқгар иҷро менамояд.

Дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ ва анҷоми корҳои ба ин самт вобастабуда Раҳмонов Зафарҷон Абдусамадович ҷиҳати фарогирии васеъи илмӣ зиёда аз 8 мақолаву тезисҳои илмӣ нашр ва ҷиҳати татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқоти худ дар семинару конференсияҳои донишгоҳиву ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ маърӯза намудааст, ки аз ҷониби мутахассисони соҳа бо натиҷаҳои баланд илмӣ ва навгониҳо арзёбӣ карда шудааст.

Қобили зикр аст, ки кори илмӣ натиҷаи таҳқиқотҳои чандинсолаи илмӣ-амалии муаллиф дар самти омӯзиши вазъи бозори хизматрасониҳои бонкдории исломӣ: ташаккул ва рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

Вобаста ба натиҷаҳои бадастомада бояд қайд намуд, ки аз таҳлилҳои дар диссертатсия амҷомдода бармеояд, ки таҳқиқоти ӯ дар самти бозори хизматрасониҳои бонкдории исломӣ: ташаккул ва рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ ва коҳиш додани хавфҳои вобаста аҳамияти баланди илмию амалӣ дошта, мубрамияти таҳқиқоти илмиро тасдиқ менамояд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки рисолаи илмӣ сохтори мантиқии хуб дошта, дар он мақсад ва вазифаҳо дуруст тарҳрезӣ шудаанд. Рисола бо забони илмии фаҳмо омода гардида пешниҳод ва таклифҳои муаллиф илман асоснок гардидаанд.

Рисолаи номзадии Раҳмонов Зафарҷон Абдусамадович дар мавзуи “Ташаккул ва рушди бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, кори мустақилона анҷомдодашуда, мантиқӣ ва баитмомрасидаи илмӣ буда, барои ҳимоя тавсия карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,**
**директори Институти иқтисодиёт ва демографияи**
**Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон** **Ш. Раҳимзода**

**Имзои Ш. Раҳимзодаро тасдиқ менамоям,**
**Котиби илмии Институти иқтисодиёт**
**ва демографияи АМИТ** **Д. Ҷалилзода**